# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КӮДАКОН

Имрӯз бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар муассисаи томактабии №59-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон таҳти унвони «Такмили заминаҳои педагогиву психологии мазмуни таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ» баргузор гардид. Дар кори конференсия намояндагони соҳаи маориф, олимону муҳаққиқон, устодони варзида, роҳбарон ва кормандони муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе иштирок намуданд. Ҳадафи асосии чорабинӣ баррасии масъалаҳои муҳими таълиму тарбия, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ ва истифодаи равишҳои муосири педагогӣ дар рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон арзёбӣ гардид. Дар ин ҷода таъкиди пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “кӯдаконро аз хурдсолӣ дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намоем, то дар оянда наслҳои босаводу бо маърифат, бо ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ ба воя бирасанд. Ояндаи кишвари мо ба насли бофарҳангу донишманди он вобастагӣ дорад” сари вақтӣ дониста шуд.

Дар ҷараёни конференсия доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ – Маҷидова Б. дар мавзуи «Ҳимоя ва ҳуқуқҳои кӯдакон дар замони соҳибистиқлолии мамлакат» маъруза намуд. Қайд гардид, ки кӯдакон сармояи инсонӣ ва ояндаи дурахшони миллату давлат ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, ғамхорӣ ба кӯдакон, таълиму тарбияи дуруст, ҳифзи саломатӣ, таъмини муҳити бехатар ва эҳтироми ҳуқуқҳои онҳо вазифаи муқаддаси падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва тамоми ҷомеа мебошад. Сипас, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ – Иматзода Л.М. таҳти унвони «Таҳияи барномаҳои таҳсилоти томактабӣ ва маводи методӣ барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ» баромад намуда, афзуд, ки ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба зиндагии осоишта, таҳсил, истироҳат, озодии фикр ва ҳимоя аз хушунату зӯроварӣ дорад. Ҳамчунин номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ, дотсент Шарифиён М.Х. дар мавзӯи «Равишҳои муосири солимгардонии кӯдакон тавассути бозӣ» маърӯза намуд. Таъкид шуд, ки таҳсилоти томактабӣ ҳамчун зинаи аввалини низоми таҳсилот дар ташаккули шахсияти кӯдак, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнии ӯ нақши муҳим дорад. Дар доираи чорабинӣ аз ҷониби кӯдакони муассисаҳои томактабӣ барномаи варзишӣ намоиш дода шуд, ки он рӯҳияи шодиву нишот, фаъолиятнокӣ ва солимии кӯдаконро инъикос мекард. Намоиши

мазкур ҳамчун намунаи равшани истифодаи бозӣ ва ҳаракат дар тарбияи ҷисмонию иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ арзёбӣ гардид. Сипас, миёни иштирокчиён вобаста ба мазмуни барномаҳои таълимӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии зинаи таҳсилоти томактабӣ, роҳҳои такмили фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълиму тарбия музокира сурат гирифт. Дар фарҷоми конференсия кӯдакон аз ҷониби роҳбарияти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.













